# **ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих). - Душанбе, 2025.**

Рисолаи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» ба яке аз масъалаҳои кам омухташуда ва хеле муҳими давраи муосир бахшида шуда, дар таърихнигории ватанӣ на танҳо аҳаммияти илмию назариявӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад. Омӯзиши раванди таърихии азхудкунии сарватҳои табиӣ, ташаккул ва рушди комплекси сӯзишворию энергетикӣ, ҳамкориҳои мутақобилаи ҷумҳуриҳои минтақа дар соҳаи энергетикӣ, инчунин истифодаи таҷрибаи таърихӣ дар ин самт яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи таърихнигории ватанӣ мебошад. Гузашта аз ин, дар давраи Истиқлол таваҷҷуҳ ба рушди энергетикаи кишвар ҳамчун омили муайянкунандаи рушди иқтисодиёт ва иқтидори иқтисодии кишвар хеле афзуд. Аҳамияти воқеии тадқиқоти рисолаи илмӣ, пеш аз ҳама, дар муайян кардани захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сатҳи ҳамкориҳои минтақавии он, махсусан бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, ки барои тамоми кишварҳои минтақа аҳамияти калидӣ дорад, ифода меёбад.

Бояд гуфт, ки рисола аз ҷиҳати сохторӣ хеле мантиқӣ ва пайгирона навишта шудааст. Муаллиф дар муқаддимаи рисола ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ ба таври зарурӣ аҳаммияти мавзӯи тадқиқоти интихобшударо ба таври эътимодбахш асоснок кардааст.

Докторанти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD) З. Алимардонзода бо асоснок кардани аҳаммияти мавзӯъ объект ва предмети таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳоро мураттаб намуда,

навоварии илмиро муайян намудааст. Навоварии илмии кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама дар он аст, ки вай аввалин кушиши дар доираи як диссертатсия ба таври комплекси омухтани ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Сохтори кор ба талаботи навишти рисолаҳои номзадӣ мувофиқ аст. Он аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳамаи бахшҳои он бо ҳам алоқаманд буда, якдигарро пурра мекунанд.

Ҳангоми навишт, муаллифи рисола натиҷаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ ба даст овардааст, ки навгонии илмии рисоларо муайян мекунанд. Муаллифи рисола бо истифода аз равишҳои гуногун ба мавзӯи тадқиқот тамоми кӯшишро ба харҷ дода, масъаларо беғаразона ва ниҳоят объективӣ таҳқиқ намудааст. Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ на танҳо ҳангоми навиштани асарҳои илми оид ба марҳалаҳои асосии ташаккул ва рушди ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ, балки барои коркунони соҳаи энергетикаи ҷумҳурӣ низ муфид шуда метавонанд.

Заминаи мустаҳками сарчашмашиносии тадқиқот, инчунин адабиёти густурдаи илмӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки докторант дониши амиқи таърихӣ, қобилияти таҳлилӣ ва баровардани хулосаҳои худро нишон додааст.

Аз автореферати пешниҳодгардида, хулоса баровардан мумкин аст, ки бори аввал докторант кӯшиш кардааст, ки як қатор масъалаҳои муҳими тадқиқотиро таҳия ва ҳал кунад, ки он мавзӯъ ва объекти тадқиқотро ба таври куллӣ ғанӣ мегардонанд.

Аз шинос шудан бо автореферати рисола ба хулосае омадан мумкин аст, ки муаллифи он натиҷаҳои илмиро ба даст овардааст. Ҳаҷм ва сохтори рисола, манбаъҳои истифодашуда, адабиёт ва хусусияти усулҳои тадқиқотӣ ва натиҷаҳои рисола ба ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мувофиқат мекунанд.

Дурустӣ ва эътимоднокии ҳар як натиҷаи илмӣ, бозёфтҳо ва хулосаҳои довталабро миқдори зиёди маводи дар рисола омӯхташуда аз сарчашмаҳои ибтидоӣ, маводи архивӣ ва ҳаҷми зиёди адабиёт тасдиқ мекунанд. Бисёр ҳуҷҷатҳои бойгонӣ бори аввал ба гардиши илмӣ ворид карда шудаанд, ки ба назари мо, ин хизмати бузурги муаллиф аст.

Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешкаш гардидаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ асоснок шуда, бо принсипҳои таҳқиқотии илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ мувофиқ мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» кори ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба талаботи бандҳои 31-35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Доктори илмҳои таърих,**
**Мудири Шуъбаи навтарини**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ** **Абдурашитов Ф.М.**

*Имзои Абдурашитов Ф.М. -ро тасдиқ мекунам:*

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г. Қ**
**«03» 09 2025**